# 22897 - Ҳукми изҳори хоҳиши издивоҷ ба мард аз ҷониби зан

**савол**

Оё барои мусулмонзан ҷоиз аст, ки ба марди мусулмон изҳор кунад, ки ӯро дӯст медорад ва мехоҳад бо ӯ издивоҷ бикунад? Ё ин амал беҳаёӣ ҳисобида мешавад?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Агар зан онро изҳор намояд, аз нигоҳи асоси Шариъат ҳеҷ боке надорад, вале пешниҳод набояд аз ҷониби худи зан сурат бигирад, балки беҳтар аст, ки валӣ ё каси дигаре он занро ба мард пешниҳод кунад. Далели он ин аст, ки Умар (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) духтараш Ҳафсаро ба Абубакр ва Усмон (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) пешниҳод кард.